ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

НИЗОМНОМАИ
БАХШИ НАЗОРАТИ ХАДАМОТИ РЕКТОР МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

Душанбе -2021

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИ ТАЪЛИМИИ
“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Шӯрои олимони МДТ
“ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино”, д.и.т,
профессор Гулмурод М.К.

«____» _____ соли 2021

НИЗОМНОМАИ
БАХШИ НАЗОРАТИ ХАДАМОТИ РЕКТОР
МУАССИСАИ ДАВЛАТИ ТАЪЛИМИИ
“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

Душанбе -2021

Мундарича

1. Муқаррароти умумӣ 4
2. Вазифахои бахши назорат 5
3. Ӯҳдадориҳои бахши назорат. 5
4. Ваколатхои бахши назорат 6
5.Масъулият 6
6. Қатъ гардидани фаъолияти бахши назорат 7
7. Варақаи мувофиқавӣ 8
8. Варақаи қайди тағирот 8
9. Варақаи шиносоӣ 9

Низомнома мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки 23 июли соли 2016, №1339 қабул карда шудааст, «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №358 тасдиқ шудааст, Тартиби баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2017, №276 тасдиқ карда шудааст ва Оиинномаи донишгоҳ таҳия шудааст.

1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ, вазифа ва вазифаҳои бахши назорати Хадамоти ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино”-ро (минбаъди Бахши назорат) муайян мекунад.
Номи пурра: Бахши назорати Хадамоти ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (минбаъд ДДТТ)

Номи кутоҳкардашуда: БНХР.

1.2. Бахши назорат фаъолияти худро дар асоси Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазоратҳои маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаи мазкур ва дастурамали вазифавӣ ба роҳ мондааст.

1.3. Шумораи бастҳо ва сохтори Бахши назорат аз ҷониби ректори ДДТТ тасдиқ карда мешавад.

1.4. Бахши назорат як воҳиди сохтории Хадамоти ректори ДДТТ ба ҳисоб рафта ба сардори Хадамоти ректор ва ректори Донишгоҳ итоат мекунад.

1.5. Бахши назоратро сардори бахши назорати Хадамоти ректори Донишгоҳ (минбаъд - Сардори бахш) тибқи дастури вазифавӣ роҳбарӣ мекунад. Сардори бахш бо пешниҳоди сардори Хадамоти ректори ДДТТ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

1.6. Ҳамаи кормандони Бахши назорат бо пешниҳоди сардори бахш бо фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии ДДТТ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

1.7. Азнавташкилдихӣ ва барҳамдихии Бахши назорат тибки Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино сурат мегирад.

2. Вазифахои бахши назорат

2.1. Ташкил ва таъмини ҷараёни назорати ҳуҷҷатгузорӣ дар сохторҳои донишгоҳ.
2.2. Назорати иҷроиши ҳуҷҷатҳои ҷорӣ, воридотиву содиротӣ мувофиқи қоидаву дастурҳои ҷорӣ.
2.3. Назорати раванди гардиши ҳуҷҷатҳо дар дохил ва берун аз муассиса.
2.4. Назорати раванди иҷроиши Қарорҳои Шурои олимон, суратҷаласаҳо аз ҷаласаҳои пагоҳирузӣ ва ҷаласаҳои раёсат.

3. Ӯҳдадориҳои бахши назорат.

3.1. Коркарди аввалиндараҷа (аз назаргузаронӣ, қабул, бақайдгирӣ), нигоҳдорӣ, гардиш ва дастрас намудани ҳуҷҷатҳоро назорат намояд.
3.2. Иҷроиши саривақтии ҳуҷҷатҳои воридоттӣ ва содиротиро бо риояи ҳамаи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (вобаста ба талабот) ва тартиботи коргузорӣ таъмин ва назорат намояд.
- ҳуҷҷатҳое, ки муҳлати иҷроиши онҳо дарҷ гардидааст, дар ҳамон муҳлат бояд иҷро карда шаванд.
- ҳуҷҷатҳое, ки муҳлати иҷроиши он дарҷ нагардидааст, дар муддати на зиёда аз 14 рузи корӣ иҷро карда мешаванд.
- муҳлатҳои иҷроиши ҳуҷҷатҳо танҳо аз тарафи роҳбарият тариқи мувофиқаи тарафҳо тағйир дода мешаванд.
3.3. Назорати баҳисобгирии мутамаркази автоматикунонидашудаи ҳуҷҷатҳои ба Донишгоҳ воридшаванда, аз ҷумла: баҳисобгирии мукотибаи воридотӣ тавассути ворид намудани маълумот ба системаи муомилоти электронӣ дар қисматҳои «ҳуҷҷатҳои воридотӣ», «ҳуҷҷатҳои содиротӣ», «муроҷиатҳои шаҳрвандон» ва дигар ҳуҷҷатҳоро таъмин намояд.
- ҳуҷҷатҳои назоратӣ ва ё дигар ҳуҷҷатҳо дар ҳолате, аз мақоми назоратӣ соқит ва «иҷрошуда» ҳисобида мешаванд, агар дар он «мактуби ҷавобии бақайдгирифташуда» мавҷуд бошад.
3.4. Назорати сари вакт ба ичрокунандагон дастрас кардани ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва пахн кардани ҳуҷҷатҳои дохилиро таъмин намояд.
3.5. Назорати ташаккул ва фиристодан / гирифтани мукотиба ва дигар иттилоот тавассути алоқаи электронӣ, аз ҷумла ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илм ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути системаҳои иттилоотӣ ва таҳлилиро таъмин намояд.

3.6. Дар доираи салохияти худ махфият ва ҳифзи иттилооти дорои мақоми сирри давлатӣ ва дигар иттилоотӣ, ки маҳудияти дастрасӣ ва паҳнро дорост, таъмин намояд.

3.7. Баррасӣ ва назорати ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии воҳидҳои сохтории донишгоҳ, ки ба роҳбарият пешниҳод мешавад.

3.8. Назорати иҷрои дастраскунии ҳуҷҷатҳо ва фармоишҳои азт ҷониби ректор пешниҳодгардида ва воҳидҳои сохтории донишгоҳ.

3.9. Назорати мубодилаи маълумотҳо ва ҳамкорӣ бо дигар мақомотҳову муассисаҳо ва сохторҳои донишгоҳ.

3.10. Назорати иҷроиши натиҷаҳои «Рузҳои қабули ректор», ки барои шаҳрвандон, донишҷӯён ва шахсони ҳуқуқӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда амалӣ каарда мешаванд.

3.11. Назорати иҷроиши таклифҳо, муроҷиатҳо, аризаву шикоятҳо, ки аз тарафи шаҳрвандон ва ё донишҷӯён пешниҳод карда мешавад.

3.13. Назорати истифодаи муҳри Донишгоҳ ва муҳри «Назоратӣ» - и Хадамоти ректор.

3.14. Таҳияи ҳисобот ва нақшаҳои кории Бахши назорат.

4. Ваколатҳои бахши назорат

4.1. Ба роҳбарияти Донишгоҳ лоиҳаи санадҳои меъёриро оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Бахши назорат дохил мешаванд, таҳия ва пешниҳод менамояд.

4.2. Ба воҳидҳои сохтории Донишгоҳ оид ба масъалаҳои ба салоҳияти Бахши назорат тааллуқдошта тавзеҳот ва тавсияҳои методӣ пешниҳод менамояд.

4.3. Аз воҳидҳои сохторӣ ҳуҷҷатҳои заруриро барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Бахши назорат гузошташуда талаб менамояд.

4.4. Дастрасии ҳуҷҷатҳои иттилоотро ба кормандон дар доираи салоҳияти Бахши назорат таъмин менамояд.

4.5. Назорати сифати ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳуҷҷатнигории ҳуҷҷатҳои барои имзо ба Раёсати донишгоҳ пешниҳодшавандаро таъмин менамояд.

4.6. Ҳангоми ҷавобгӯ набудани ҳуҷҷатҳои ба раёсат пешниҳодшаванда онҳоро барои мукаммалкунӣ ба иҷрокунандагон бармегардонад.

5.Масъулият

Кормандони Бахши назорати Хадамоти ректори донишгоҳ дар чунин ҳолатҳо ҷавобгар мебошанд:

5.1. Ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои вазифавии худ, ки дастури мазкур дар асоси қонунгузории ҷории меҳнат муайян намудааст.

5.2. Ҳангоми расонидани зарари моддӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда.
5.3. Ҳангоми вайрон кардани Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, қоидаҳои бехатарии зиддисӯхтор ва техникаи бехатарии дар муассиса ҷорибуда.

6. Қатъ гардидани фаъолияти бахши назорат

6.1. Фаъолияти Бахши назорат дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:
- бо қарори Шурои олимони донишгоҳ.
- дар дигар ҳолатҳо, тибқи тартибе, ки дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

7. Варақаи мувофиқавӣ

№	Вазифа	Ному насаб	Санаи мувофиқа	Имзо
1.	Муовини ректори оид ба корҳои таълимию методӣ	Ибодзода Саидмуқим Тиллохӯҷа	27.01.21	
2.	Сардори раёсати рушди кадрӣ	Абдуллозода Саидхуҷа Муртазо	27.01.21	
3.	Директори маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент	Маҳмудзода Хайём Рӯзибой	27.01.27	
4.	Сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ	Саидзода Ҷумахон Зикриё	27.01.21	

8. Варақаи қайди тағирот

№ п/п	Асос барои воридкунии тағирот	Рақами варақа	Мазмуни мухтасари тағирот	Сана	Ному насаби тағироткунанда

9. Варақаи шиносой

№	Вазифа	Ному насаб	Сана	Имзо
1.	сардори ҳавалаҳои ректор	Нассрӣ Б.Н.	27-01-21	
2.	сардори бахши корҳузорӣ	Борисов А.Я	27-01-21	
3.	сардори бахши назорат	Зарипов Н.А	27-01-21	
4.	техникпгар	Босиев Н.Н.	27-01-21	
5.	мутахассиси кассбар	Шукуров Б.Т.	27-01-21	